# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ” ***ба шиносномаи ихтисоси илмии*** 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат менамояд, аз ҷумла: ба *бахши 1* - Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (дидгоҳҳои илмӣ ба таҳқиқи рушди таҳсилоти касбӣ, робитаи назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо соҳаҳои илми педагогӣ ва илмҳои дигар; робитаи мутақобили назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия; методҳои таҳқиқи таҳсилоти касбӣ); *бахши 10* - Омодагии мутахассисон дар низоми таҳсилоти бисёрсатҳӣ; *бахши 11* - Технологияҳои муосири таҳсилоти касбӣ; *бахши 13* - Муҳити таҳсилоти муассисаи таълимии касбӣ.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мавзуи рисолаи илмии Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ” мубрам буда, яке аз масъалаҳои ҳалталаби педагогикаи муосир маҳсуб меёбад. Тавре дар диссертатсия ишора шудааст, дар шароити муосири инкишофи давлати ҳуқуқӣ таҳқиқи муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда мубрамии махсус пайдо менамояд. Эҳтиёҷоти ҷомеа зарурати тағйир додани низоми таҳсилотро дар самти фарогирии фазои ҳуқуқӣ ва инкишофи онро ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ ва зернизоми ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён овардааст.

Ҷузъи асосии таркибии чунин ҷомеа навъи махсуси шахсият бо сатҳи баланди мустақилияти инфиродӣ умуман нисбат ба ҷомеа ва аз он ҷумла, ба ҳокимияти давлатӣ мебошад. Маҳз чунин инсон бо низоми дахлдори арзишҳо, шавқу рағбат ва эҳтиёҷот ҳадафи ҷомеаи шаҳрвандист.

Бинобар ин, муаллиф қайд менамояд, ки дар ин раванд нақши пешбару масъул ба омӯзгор мансуб аст. Ба омӯзгор дарки муаммоҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии давлат, истифодаи воситаҳои фаъолият ва амсилаҳои рафтор, ки ба қонунгузории амалкунандаи давлат мувофиқанд, бошуурона интихоб кардан ва татбиқ намудани технологияҳои ҳуқуқии қабули қарорҳои инфиродӣ ва коллективӣ ба шарте муяссар мегардад, ки шуури ҳуқуқии ташаккулёфта дошта бошад.

Мутахассиси ҷавон-омӯзгор бояд, ба масъулияти торафт афзуншавандаи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ба мустақилият ва оқилона рафтор намудан дар ҳаёти иҷтимоӣ омода бошад. Бояд гуфт, ки дар ҷомеаи муосир шуури ҳуқуқии аксари омӯзгорони ҷавон ба талаботи замон мувофиқ нест. Сатҳи пасти шуури ҳуқуқии онҳо дар роҳи рушди давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон монеаи ҷиддӣ мебошад.

Дар айни ҳол, дарвоқеъ, рахнаи байни қонунгузории муосир ва сатҳи нокифояи шуури ҳуқуқии хатмкунандаи мактаби олӣ торафт бештар аён гардида истодааст. Эҳтиёҷ ба мутахассисони кордону аз ҷиҳати ҳуқуқӣ босавод пурзӯр мегардад.

Аз ин рӯ, диссертант оид ба масъалаи мазкур ва роҳҳои ҳалли он андеша ва пешниҳодҳои мушаххас манзур намудааст.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳ ба ин масъала аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос, психологҳо ва педагогҳо, проблемаи ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонони донишҷӯ, аз ҷумла, омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ дар ҳаҷми кам омӯхта шудааст.

Таҳқиқоти илмии солҳои охир, асосан, ба масъалаҳои умуминазариявӣ ва методии шуури ҳуқуқӣ, таҳсилот ва тарбияи ҳуқуқӣ бахшида шудаанд.

Бо вуҷуди як андоза омӯхта шудани мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» оид ба соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва низомҳои омӯзгорӣ ва ҳуқуқӣ, ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар таҳсилоти олии касбӣ аз ҷанбаҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар раванди таҳлили ҷанбаи назариявӣ ва амалии мактаби олӣ чунин ихтилофҳо ошкор гардиданд:

- байни фазои босуръат инкишофёбанда дар шароити шаклгирии давлати ҳуқуқӣ ва сатҳи пасти рушди шуури ҳуқуқии шахсияти шаҳрвандон;

- байни эҳтиёҷи ҷомеа ба сатҳи баланди шуури ҳуқуқии мутахассисон ва набудани низоми томи ташаккули он;

- талаботи афзуншуда ба таҳсилоти ҳуқуқии мутахассисони оянда-омӯзгорон ва омодагии нокифоя ба ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии касбӣ;

- дарки зарурати ҳалли муаммоҳои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён ҳамчун омӯзгорони оянда ва таъминоти нокифояи илмию методии таҳсилоти ҳуқуқии донишҷӯён дар раванди омодагии касбии онҳо дар мактаби олӣ.

Ихтилофҳои мазкур ба хулосае мерасонанд, ки муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда нокифоя коркард шудааст ва таҳқиқи бисёрҷонибаро тақозо мекунад.

Ин ихтилофҳо аз аҳаммиятнокии масъалаи таҳқиқот шаҳодат дода, водор месозад, ки татбиқи роҳу воситаҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар ихтисосҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирад.

Фикру андешаҳои дар боло зикргардида бар он далолат мекунанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Бобоҷонова Саломат дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳаммияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо назардошти талаботи замон ва ҷомеаи навин рӯйи кор омада, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Зикр бояд кард, ки воқеан ҳам пажуҳиши анҷомдодаи Бобоҷонова С.Р. аз арзиши илмиву аҳаммияти амиқи назариявию амалӣ бархӯрдор мебошад. Дар он масъалаҳои муҳимми ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда бо назардошти талаботи таҳсилоти олии муосир ошкор, илман асоснок ва ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.*** Аввалан, қайд кардан ҷоиз аст, ки дарвоқеъ, вазифа ва фарзияҳои илмии муаллиф ва тамоми ҷанбаҳову паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи рисола асоснок ва дурустанд.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии анҷомдода ва хулосаю тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна ифодагари онанд, ки муаллиф ба мақсади гузоштааш ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот мондаро ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳоднамудааш дар амал тасдиқ гардидаанд.

***Навгонии илмии таҳқиқот*** дар нуктаҳои зерин ифода меёбад, ки

- амсилаи ташаккул додан ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда коркард шудааст;

- технологияи инноватсионии ташкили раванди таълиму тарбия дар доираи фанни «Ҳуқуқ» дар асоси истифодаи комплекси технологияҳои таҳсилот коркард шуд, ки ба шахсият, қобилияти эҷодӣ ва рефлексивии ӯ нигаронида шудааст.

- технологияи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилот тарҳрезӣ гардидааст.

Ба ҳимоя нуктаҳои асосии зерин пешниҳод мешаванд:

1. Шуури ҳуқуқии донишҷӯ ҳамчун сохтори шахсият баррасӣ шудааст, ки ҷузъҳои когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ ва ҷузъи рафтории дар ягонагии диалектӣ инкишофёбанда баррасӣ мешавад;

2. Шуури ҳуқуқӣ аз рӯйи моҳият чун асоси оянда ва таҳкурсии ҳимояи ҳуқуқҳо дар раванди фаъолияти минбаъдаи касбӣ, чун восита барои ҳимояи ҳудудҳои шахсӣ аз омилҳои ғайриҳуқуқии беруна ва аз ҳудудҳои ҳуқуқӣ берун муайян карда мешавад;

3. Мавқеъҳои муҳимми ҳаётӣ, мушаххас – донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, туфайли ташаккули шуури ҳуқуқӣ, муайян кардани маҳакҳои ҳаёт ва фаъолият, муносибати муайяни донишҷӯ нисбати воқеияти объективӣ, бо таҷрибаи минбаъда, донишҷӯ малакаҳо дар эҷоди муҳити эҷодкоронаи корӣ ва ҳалли мушкилоти дараҷаашон гуногуни вазъиятҳои ҳуқуқӣ бо риояи меъёру қонунҳо ҳудудҳои муайянро ба худ мегиранд.

4. Хусусияти амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯёни донишгоҳи педагогиро мундариҷааш ташкил медиҳад, ки он аз 2 қисм иборат аст: 1) қисми инвариативии (тағйирнопазир) маҷмӯи таълимию методӣ (низоми донишҳо, маҳорат ва малакаҳои ҳуқуқӣ; самтгириҳои арзишӣ-ҳуқуқӣ; муносибати дуруст нисбати ҳуқуқ); 2) қисми вариативии (тағйирпазир) барномаи таълим, ки мундариҷаи он вобаста ба ихтисоси донишҷӯён ва дархостҳои инфиродии омӯзгорони оянда тағйир меёбад.

5. Методикаи ташкили раванди таълиму тарбияи омӯзгорони оянда дар доираи фанни «Ҳуқуқ» дар заминаи истифодаи технологияҳои интерактивии барномавӣ-методӣ.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:***

Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо такя ба асосҳои методологии педагогика, психология, ҳуқуқшиносӣ; бо таҳлили муаммои таҳқиқшаванда; истифодаи маҷмуи методҳои назариявӣ, эмпирикӣ, озмоишӣ, ки ҳалли ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотро имкон доданд; иштироки шахсии унвонҷӯ дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ таъмин карда шудааст.

***Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:***

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ғанӣ гардидани назария ва амалияи таҳсилоти педагогӣ бо донишҳои муосири ҳуқуқӣ; асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён; муназзам намудани ҷузъҳои мундариҷавӣ, методӣ ва тартиботии раванди ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда; аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва тарҳрезии амсилаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар раванди таҳсилот; муқаррар сохтани хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда ва ниҳоят, дар муайян кардани маҷмуи воситаҳои меъёрӣ-ташхисии барои мушоҳида ва мониторинги раванди мазкур мусоидаткунанда ифода меёбад.

Натиҷагириҳои муаллиф аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён-омӯзгорони оянда аз корҳои таҷрибавӣ-озмоишии анҷомдода пешниҳодҳои мушаххас манзур намудааст. Истифода аз онҳо метавонад дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда саҳми арзишманд гузорад.

***Аҳаммияти амалии таҳқиқот*** дар он ифода меёбад, ки дар рафти таҳқиқот зарурати таҳия намудани амсилаи маҷмуавии ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда ба миён омадааст ва он аз ҷониби муаллиф татбиқ гардидааст.

Натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методии таҳиягардида барои навсозии низоми ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда замина фароҳам оварда, роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди машғулиятҳои фанни “Ҳуқуқ” дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:***

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардидаанд. Дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус, кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинару конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ муҳокима шуданд. Ҳамзамон, натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 3 адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия ва 8 адад мақола дар маҷмуи маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи бандҳои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ аст.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:***

Диссертатсия ва автореферат дар доираи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия" таҳия гардида, автореферати диссертатсия мушаххасан ва фаҳмо муҳтавои диссертатсияро ифода менамояд.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ ва хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали номбурда аз нигоҳи илмию методӣ асоснок карда шуда, фарогири тавсияву пешниҳодҳои назариявию амалӣ ва мисолу ҷадвалҳо мебошад.

Диссертатсияи мазкур бо риояи муқаррароти Дастурамал гӯё ва бо забони равони тоҷикӣ таҳия ва эҷод гардида, бомантиқ ва муттасил

рӯйи кор омадааст. Диссертатсия ва ҳар як бобҳои он дар алоҳидагӣ хулосабарорӣ шуда, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло гуфта шудаанд, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо орӣ нестанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад буд, чунончи:

1. Дар диссертатсия таълифоти олимони хориҷӣ дар хусуси таҳлили методологии проблемаи ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда зиёдтар истифода шуда, осори илмии донишмандону муҳаққиқони ватанӣ аз назар дур мондааст.

2. Дар феҳристи адабиёт ва манбаъҳои илмӣ номҳои олимони ватанӣ ва асарҳои илмии онҳо ниҳоят кам ҷой дода шудаанд.

3. Адабиёти истифодашуда дуруст ба тартиб даровարда нашуда, талаботи зарурӣ риоя нагардидааст.

4. Дар таҳияи диссертатсия имлои нави забони давлатӣ риоя нагардида, дар матни он баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Гуфтан мумкин аст, ки камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАҲОИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ таълиф шудааст. Ин аз он далолат медиҳад, ки муҳаққиқ дар атрофи мавзуъ аз оғози таҳқиқот то ба анҷом ҷиддӣ муносибат намуда, таҳлили кори илмӣ бурдааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи илмии Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ", ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи меъёрҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, бо назардошти тағйиру иловаҳо ба тартиби мазкур тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023 таҳти №295 комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи
фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Носиров С.Ш.

Маълумот барои тамос:
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: + 992 935 31 17 71.
Почтаи электронӣ: nosirov1965@mail.ru

*Имзои С. Носировро тасдиқ мекунам.*

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва*
*корҳои махсуси ДДМИТ* *Шарипов У.*